# Tajik State University of Commerce

## Course name: Introduction to Political Science

## Week 14: Political Technology

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 14: Технологияи сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

# Нақшаи лексия:

1.Технологияи сиёсӣ ва сохторҳои он
2.Типҳои технологияи сиёсӣ
3.Ташаккули технологияи сиёсӣ

## 1.Технологияи сиёсӣ ва сохторҳои он

Ҷомеа организми хеле мураккаби иҷтимоию сиёсӣ буда, аз як тараф қувва ва манфиатҳои зиёде ба ҳам бар мехӯранду ҳар кадом субъекти фаъолияти сиёсӣ бо ин ё он ваҷҳ ба ҳокимияти сиёсӣ дастдарозӣ менамояд, аз ҷониби дигар ин қувваҳо ё аз номи гурӯҳ, синф, миллат ва ё шахси алоҳида баромад менамоянд, дар ин раванд аз усулу восита ва механизмҳои гуногун истифода бурдан ба миён меояд.

Воситае зарур мегардад, ки манфиати тарафҳои мухолиф, бе он ки ба кулли ҷомеа зарар нарасад, ба ҳам наздик кунонида шуда, зуҳуроти номатлуби сиёсию иқтисодӣ, ки натиҷаи ин ихтилофҳоянд, аз байн бардошта шаванд.

Дар ҷаҳони муосир сиёсат ҳамчун соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ бе истифодаи технологияҳои муосир тасаввурнопазир аст. Технологияи сиёсӣ яке аз мафҳумҳои нисбатан нав дар сиёсатшиносӣ ба шумор меравад, ки дар нимаи дуюми асри XX ба вуҷуд омада, имрӯз ба яке аз воситаҳои асосии идоракунии афкори ҷамъиятӣ, ташкил ва татбиқи ҳадафҳои сиёсӣ табдил ёфтааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати иттилоот, сиёсатмадорон ва ҳизбҳои сиёсӣ барои ба даст овардани дастгирии мардум, ташаккули имиҷи мусбат ва пешбурди барномаҳои худ аз усулҳо ва технологияҳои муосири сиёсӣ истифода мебаранд. Тадқиқи илмии ин раванд имкон медиҳад, ки мо механизмҳои таъсири иттилоотӣ, равонӣ ва ташкилии сиёсатро дар ҷомеа беҳтар дарк намоем.

Технологияи сиёсӣ маҷмӯи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба раванди сиёсӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян мебошад. Ба таври содда, он «санъати идоракунии сиёсат» аст, ки ба воситаи воситаҳои коммуникатсионӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Ба таъбири олими рус С. Кара-Мурза, технологияҳои сиёсӣ — ин "системаи методҳоест, ки барои идора кардани шуури омма, ташаккули афкор ва рафтори сиёсӣ истифода мешаванд". Аз нуқтаи назари илмӣ, ин мафҳум дар чорчӯбаи сиёсатшиносии амалӣ (практикӣ) ҷойгир аст.

Технологияи сиёсӣ аз сиёсати анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки он на танҳо бар асоси идеология ё қонунгузорӣ, балки бар пояи ҳисобу таҳлили дақиқи рафтори интихобкунандагон, эҳсосоти мардум ва муҳити иттилоотӣ амал мекунад.

Азбаски муқобилистии тӯлонӣ дар байни иштирокчиён нобовариро ба вуҷуд меорад, восита ва механизмҳое заруранд, ки ҳеҷ набошад, қувваҳои мухолифро ба сари мизи гуфтушунид нишонад. Барои ҳамин технологияи сиёсӣ лозим аст. Ҳангоми коркарди технологияи сиёсӣ усулҳо: аз қабили таҳлили сиёсӣ ва машварати сиёсӣ, технологияи назорат ва идоракунии «моҷароҳои сиёсӣ», «қабули қарори сиёсӣ», «технологияи ахборотӣ», «технологияи интихоботӣ» зарур шуда мемонад. Маҷмӯи ҳамаи ин воситаҳо ва амалҳо, ки иштирокчиёни мухолифинро ба як қарор меорад ва онҳоро ба ҳамгузашткунӣ омода месозад, технологияи сиёсианд.

**Технологияи сиёсӣ маҷмӯи мутассил истифода намудани маросим, усул, тарзи фаъолият барои дарёфти беҳтару босамартари амалисозии ҳадаф ва вазифаҳои субьекти мушаххас, дар вақти муайн ва ҷои муайян аст**.

Ин ҷо технология ҳамчун маҷмӯи муайяни дониш ва маҳдудияте, ки субьектро барои ҳалли вазифаи мушаххас дар соҳаи ҳокимият водор месозад, ҳамчун маркетинги сиёсӣ номбар мешавад. Истифодаи технологияи сиёсӣ дар ҳамон вақт ва дар ҳамон ҷое зарур аст, ки амалҳои ба ҳам монанди такроршавандаи талабҳои муайянро таҷассумкунанда натиҷаи дилхоҳ медиҳанд.

Сиёсатшиносони муосир технологияи сиёсиро ҳамчун «системаи усулҳои муназзам барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани қудрат» таъриф медиҳанд. Яъне, ин мафҳум ба маънои техникӣ кардани сиёсат — табдили он ба маҷмӯи амалҳо ва қарорҳои ҳисобшуда мебошад.

Олими рус В. Манойло менависад, ки технологияи сиёсӣ на танҳо воситаи мубориза барои қудрат, балки механизми идоракунии шуури ҷамъият мебошад. Он бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ, таблиғот, пиар ва таҳлилҳои иҷтимоӣ, рафтори оммаро ба самти дилхоҳ равона месозад.

Аз нигоҳи сохторӣ, технологияи сиёсӣ се унсури асосӣ дорад:

1. Субъект — шахс ё гурӯҳе, ки таъсир мерасонад (сиёсатмадор, ҳизб, давлат).

2. Объект — ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, интихобкунандагон.

3. Механизм ва воситаҳо — ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ, маъракаҳои иттилоотӣ, тадқиқоти афкори ҷамъият.

Технологияи сиёсӣ ҳамеша ба ҳадафи мушаххас нигаронида шудааст: ба даст овардани қудрат, нигоҳ доштани субот, ташаккули имиҷ, ё идоракунии буҳрон.

## Сабаби асосии бавуҷудоии онҳо чунинанд:

- зарурияти ба таври содаю самаранок амалисозии хадафҳои дар назди иштирокчиёни раванди истифодаи ҳокимият ва идоракунии давлат истода;

- паст намудани ба ҳам таъсиррасонии ғайричашмдошт дар соҳаи ҳокимият; хусусияти ҷаҳишӣ доштани раванди азнавтақсимкунии захираҳои ҳокимият, ки дар шароити инкишофи ғайричашмдошти характери таркишӣ ва фаъолшавии эътирозӣ зоҳир мегардад.

- зарурияти ба муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди сиёсӣ хусусияти устуворӣ бахшидан;

- зарурияти истифодаи иқтисодии тарзҳои идоракунии давлатӣ, захираи муҳофизаткунандаи моликият, кадр ва дигар сохторҳои техникӣ;

- зарурияти даъвоҳои объективии инсониро идора намудан.

Дигар карда гӯем, субъектҳои гуногуни сиёсат барои иҷрои ҳадаф ва вазифаҳояшон технологияи сиёсиро рӯҳ мебахшанд. Технология аз рӯи вазифа барои ба даст овардани мақсади муайян вобаста ба таносуби манфиатҳо ва сариштаи иқтисодӣ баҳри ҷалби онҳо дар чорабиниҳои сиёсӣ ҳам истифода мешаванд. Технологияи сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи маросим ва усулҳои фаъолияти мақсаднок на танҳо воситаҳои ҳадаф ба дасториро ба тартиб медарорад, балки навбати амалашонро дар коркарди рафтори субъектҳо мустаҳкам месозад. Дигархелтар гӯем, технология танҳо ҳамон вақт барқарор мегардад, ки дар рафти ба даст овардани ҳадаф тартиби муайяни бо навбати ҳалли усул ва воситаҳои ба мақсадрасиро муқаррар созад.

Технология ин раванди истифодаи техника барои ба даст овардани мақсади муайян равоншудаи субъекти воқеии амал аст. Вай натиҷаи маросим, усул ва воситаҳои босамари ба мақсади муайяни расидан ба субъектҳои сиёсат аст.

Албатта, баъзе амалҳои мақсадноки фаъолияти одамон вобаста ба мураккабияшон қисман технологикунонидан мумкин аст. Яъне субъект ҳангоми фаъолияташ технологияи маҳдудро, ки қобилияти танҳо қисматҳои алоҳидаро ба низом даровардан дорад, истифода мебарад.

Бесалоҳиятию бетаҷрибагии субъект натанҳо ҳалли масъаларо мушкил месозад, балки вазъияти ба вуҷудомадаро боз шиддатноктар намуда, ҳалли онро ба қафо мепартояд. Аз ин хотир, технологҳо пеш аз ҳама ба синф, дараҷаи касбию маърифатнокии субъектҳои сиёсӣ бештар эътибор бояд диҳанд.

Ҳангоме ки технологҳо чун унсури фаъолияти ин ё он фарди ҳамеша қарорқабулкунанда, танзимкунандаи моҷароҳо мегарданд, онҳо ба яке аз механизмҳои худҷуркунӣ, худташкилнамоӣ дар ин соҳаи фаъолият баромад менамояд.

Муҳимияти маросимҳои технологӣ на барои хавфи назорат аз болои чараёни воқеии ҳокимиятронӣ, балки дар соҳаи ҳокимияти сиёсӣ бисёр вақт қарорҳое қабул карда мешаванд, ки гуё онҳо шаклан такмили технологии манфиатҳои соҳавиро дар назар дошта бошанд. Аслан онҳо воситаҳои пинҳонкунии бадастдарории мақсадҳои дигаранд. Яъне технологҳои сиёсӣ аксаран бошуурона сохтакорӣ намуда, ҳадафи аслии субъектҳои амалкунандаро рӯйпуш менамоянд.

Технологҳои сиёсӣ дар ҳама майдони ҳокимияти сиёсӣ, ҳокимият ва идоракунии давлат паҳн мешаванд.

Вобаста ба миқёс ва хусусияти субъекти амалкунанда технологҳо аз ҳамдигар аз ҷиҳати захира, бақои самаранокии онҳо аз ҳам фарқи ҷиддӣ доранд. Масалан, технологияи барои муносиб кардани фаъолияти субъектҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ чун қоида фосиладор буда, он қадар бо эътимод нестанд. Барои бо боварӣ идора намудани кайфияту рафтори табақаҳои калони иҷтимоӣ, воситаҳои дағалтару ҳарчӣ бештари танзимкуниро бояд истифода намуд.

## Олимон технологияҳои сиёсиро вобаста ба самт ва ҳадаф ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. Технологияҳои интихоботӣ – маҷмӯи усулҳоест, ки барои ҷалби овоздиҳандагон, ташаккули имиҷи номзад, ташкил ва гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботӣ истифода мешаванд.

2.Технологияҳои иттилоотӣ ва PR (пиар) – фаъолияти ҳадафманд оид ба ташаккули образи мусбати шахсият ё ҳизб тавассути ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манбаъҳои иттилоот.

3. Технологияҳои идоракунии афкори ҷамъиятӣ – таҳлил ва таъсир ба фикру эҳсоси ҷомеа бо роҳи пурсишҳо, реклама, пропаганда ё маъракаҳои иттилоотӣ.

4. Технологияҳои идоракунии бӯҳронҳои сиёсӣ – механизмҳое, ки дар ҳолатҳои ноустувории сиёсӣ (эътирозҳо, бӯҳронҳои дохилӣ) барои нигоҳ доштани субот истифода мешаванд.

5. Технологияҳои дипломатӣ ва байналмилалӣ – усулҳои таъсиррасонӣ ба муносибатҳои беруна, ташаккули имиҷи давлат дар арсаи байналмилалӣ.

# Принсипҳои асосии технологияи сиёсӣ

1. Принсипи самаранокӣ – ҳар амали сиёсӣ бояд натиҷаи аниқ дошта бошад.

2. Принсипи илммандӣ – технология бояд бар асоси таҳлили воқеӣ ва додаҳои илмӣ таҳия шавад.

3. Принсипи ахлоқ ва қонунмандӣ – истифодаи технологияҳо бояд бо арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мутобиқат кунад.

4. Принсипи мутобиқшавӣ ба муҳит – технология бояд ба шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мувофиқ бошад.

## Сохтори технологҳои сиёсӣ

Таркиб ё сохтори технологҳои сиёсӣ аз се ҷузъ иборат аст:

- дониши махсус;
- қоида ва маросиму усули амал;
- ҷузъҳои гуногуни техникӣ- захиравӣ.

Ҳар кадом аз ин ҷузъҳо дар ҳаллу фасли қазияҳои ситёсие, ки оид ба ҳокимияти сиёсӣ, идоракунӣ ва давлат байни субъектҳои сиёсӣ ба вуҷуд меояд, нақши хоса доранд. Масалан, дар технологияи сиёсӣ дониш таҷассуми махсуси инъикоси воқеият барои дарёфти восита ва тарзи ҳалли мушкилиҳои пайдогашта дар соҳаи ҳокимият ва идоракунии давлат аст. Барои ҳамин дараҷаи маърифати технологии воқеият на танҳо шакли дониши илми бунёдӣ, балки дар як вақт баҳои мушкилиҳои сиёсӣ аз назари субъектҳои ба ҳалли онҳо ҳавасманд ба ҳисоб меравад.

Агар дониши илмӣ ҳодисаро идеалӣ гардонад, дониши технологӣ объекҳои мантиқиро мушаххас мегардонад; агар дониши илмӣ ба амалия нигаронида шуда бошад, дониши технологӣ ба қисми алоҳидаи воқеият, инъикосшавандаи воқеият равона шудааст.

Ба хотири ҳамин, аз нуқтаи назари муносибатҳои технологӣ нисбат ба олам ин қисми амалияи воқеӣ андешакунии мантиқиро не, балки ҷавоби амалиро талаб менамояд. Барои ҳамин ҳама ҳақиқати донишҳои технологӣ нодир ва дар ҳаракатанд.

Дониши технологӣ ҳама гуна ҳодисаро ҳамчун ҳиссаи воқеият, дорои мантиқи хеши ҳаракат, манбаи инъикоси ҳудуди технологӣ дар асоси мавқеи касе, ки ҳодисаро акс менамояд (технолог, пажӯҳишгар), он касе, ки мақсади мушаххас барои ҳалли ин ҳодиса алоқаманд (фармоишгар, супоришдеҳ), инчунин касе, ки дар марҳилаи ҳалли ин ҳодиса (иҷрокунанда) ташаккул меёбад, дар бар мегирад. Пас аз рӯи амал ҳар се иштирокчиён ба шаклу мазмуни ахбороти технологӣ тағйирот даровварда метавонанд.

Бисёр сиёсатшиносон технологияи сиёсиро система медонанд, ки аз унсурҳои зерин иборат аст:

| Унсур | Мазмун |
| --- | --- |
| Ҳадаф (мақсад) | Ба даст овардан ё нигоҳ доштани қудрат, таъсир ба ҷомеа, ташаккули имиҷ |
| Механизмҳо | PR, реклама, шабакаҳои иҷтимоӣ, маъракаҳои иттилоотӣ, тадқиқоти сотсиологӣ |
| Воситаҳо | ВАО, интернет, тадқиқотҳои эмпирикӣ, зеҳни сунъӣ |
| Натиҷа | Дастгирии иҷтимоӣ, идоракунии афкор, оромии сиёсӣ ё пирӯзӣ дар интихобот |

## 2.Типҳои технологияи сиёсӣ

А. И. Соловёв дар китоби дарсии барои мактабҳои олӣ «Политология, политическая теория, политические технологии[1]», шаклҳои зерини типҳои технологияҳои сиёсиро нишон додааст.

1. Вазифагӣ (функсионалӣ) – шакли аз ҳама паҳншудатарин буда, такмилдиҳии нақши сарбориҳои субъектҳои гуногуни идоракунӣ ва ҳокимият (масалан, қабули қарор, мувофиққунонии манфиатҳо, гузаронидани гуфтушунид) дар ниҳояти кор, назораткунӣ аз рӯи ин равандҳост.

1. А. И. Соловьёв, Политология. Политическая теория, политические технологии. - Москва: Аспект Пресс,- 2009,- 575 с.

2.Асбобӣ – як навъ технологияи сиёсист, ки гӯё техникаро барои оқилонатар гардонидани фаъолияти истифодаи мушаххас равона мекарда бошад, аммо ҳадаф тамоман дигар аст. Аз нуқтаи назари он ки ин ё он восита баҳри ба мақсадрасӣ дар кадом соҳа истифода бурда мешаванд: (масалан шунавандагон, технологияи компютерӣ ва ахборотӣ, усулҳои гуфтушунид, истифодаи онҳо дар соҳаи дипломатия ва ё ҳарбӣ).

Ба ин маънӣ гуфтан мумкин аст, ки соҳаи баҳамтаъсиррасоние вуҷуд дорад, ки онҳо технологикунонида намешаванд, аз ҷумла дар раванди ба ҳам мувофиқсозии ғайрирасмии манфиатҳо, ҳангоми коркарди қарор дар сатҳи давлатӣ.

Ин рафтор имкон медиҳад, ки нуқтаҳои ҳамдигарро буррандаи усулҳои гуногуни технологӣ, ҳамдигаривазнамоиро ҳангоми ҳалли ин ё он вазифа дар ин ё он соҳаи сиёсат ва идоракунии давлат дида тавонад.

Ба ҳамин наздик дараҷаҳои технологӣ, инъикоскунандаи дараҷаи ташкили иҷтимоии соҳаҳои предмет ба шумор меравад. Масалан, масъалаҳои оламшумулият, ки ба ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонӣ вобастааст, - ҳифзи табиат, нигоҳ доштани амнияти байналмиллалӣ ва ғ.; қитъавӣ – минтақавӣ, ошкорсозии амалии махсуси давлатҳо ва ташкилоти байналмиллалӣ доир ба Шарқи наздик, Аврупо ё дигар минтақа; миллӣ, давлатӣ- раванди амалисозии ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар доираи як мамлакат; корпоративӣ-инъикоснамоии муносибати ҳокимият ва идоракунӣ дар ҳудуди як корхона; маҳаллӣ, ки хусусияти муносибати фаъолияти субъектҳо дар нуқтаҳои маҳдуди фазои сиёсӣ ва байни шахсҳо сурат мегирад.

Аз нуқтаи назари идоманокии истифодаи тарзи фаъолияти муайян технологияҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: стратегӣ-барои ба даст овардани мақсади алоҳидаи иштирокчиён; тактикӣ – дар назар доштани амалисозии ҳадафҳои кӯтоҳмуддат; гоҳ-гоҳ пайдошаванда- дар як вақт истифодашаванда ва даврӣ (цикличность) - мудом азнавистеҳсолнамоӣ дар сохтори фаъолияти субъект.

Аз рӯи ҳадафгузории технологӣ барои васеъ намудани доираи субъектҳои қобилият, истифоданамоии алгоритмҳои фаъолият дар ҳалли вазифаҳои якхела оиди зиёднамоии адади интишор (тираж), баҳисобгирии дар ҳама ҷо дар шароити монанди технологӣ, ки талаботи мазкурро қонеъ мегардонад, инчунин бар хилофи он – нодирияти технологӣ, ки номгӯи амалҳои танҳо дар шароити такрорнашаванда, ҳатто дар ҳолати якхела истифода мешаванд, сухан рондан мумкин аст.

# 3.Ташаккули технологияи сиёсӣ

Технологҳои сиёсӣ бо ду роҳ ташаккул меёбанд:
а) тарзи субъективӣ ва б) таҳлилӣ.

Ҳангоми фаъолияти сиёсӣ барои ба даст даровардани ҳадафи фаъолияти субъектҳо технологҳои сиёсӣ ҳадалимкон раванди иҷрои вазифаҳои мақсадноки онҳоро муносиб (оптимизация) ва такмил (рационализовать) медиҳанд. Ин дар ниҳояти кор имконияти субъектҳоро дар назорат ва идоракунии ин ё он соҳаи тағйироти сиёсӣ васеъ менамояд.

Раванди ташаккул ва фаъолиятнамоии технологҳоро аз назари сохторӣ, фазою вақтӣ ва равандӣ дидан мумкин аст.

Дар қадами аввал, дониши оид ба проблема, дарёфти техника ва таъмини технологияи муносибтари ҳалли онро бояд дарёфт.

Қадами дувум, зарурияти мувофиқсозии воситаҳои истифодашаванда бо шароити мушаххас, макону замоне, ки мушкилот ҳал мегардад. Севум, моҳият ва шароитҳои ташаккули тарафҳои алоҳидаи ҳадафрасиро мекушояд. Дар ниҳоят, мантиқи амал барои ташаккули технологӣ дар атрофи чунин силсила , «таҳлил», ташхис ва баҳо ба вазъият амалиёти пешбинӣ, лоиҳавӣ, коркарди ҳадафҳо, муайян намудани пайдарҳамии амалиёт, тасвия ва муаррифӣ гирд меояд.

Гарчанде мафҳуми «технологияи сиёсӣ» нисбатан нав аст, решаҳои он дар таърих хеле қадиманд. Дар Юнони қадим софистҳо ва суханварон (масалан, Демосфен) барои таъсир ба омма усулҳои махсуси суханронӣ ва боваркуниро истифода мебурданд.

Дар асрҳои миёна, калисо ҳамчун як институти сиёсӣ тавассути таблиғ ва рамзҳои мазҳабӣ афкори мардумро идора мекард.

Дар асри XX, бо пайдоиши воситаҳои ахбори оммавӣ — радио, телевизион, кино ва дертар интернет — технологияҳои сиёсӣ ба шакли илмӣ ва низомнок табдил ёфтанд. Дар ИМА ва кишварҳои Аврупо «пиар»-и сиёсӣ ва рекламаи интихоботӣ ба як соҳаи касбӣ мубаддал гардид.

Умуман, технологҳо ҳам нисбат ба миқдори маҳдуди ҳодисаҳо ва, пеш аз ҳама, вазъиятҳои нодир ва ҳам нисбат ба ҳодисаҳои бештар кор кардашуда тавсияҳо медиҳанд. Ҳангоми ташаккули бузургиҳои онҳо чун қоида на танҳо масъалаҳо, балки тип ва характеристикаи субъектҳои фаъолият, вақт ва дигар бузургиҳои муҳими он ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Технологияҳо ду хусусият доранд:

а) як қисмашон метавонанд кӯҳна шуда, самаранокиашонро аз даст диҳанд;

б) технологияҳои дигар ҳамеша васеъ шуда, қобилияти идоракуниашонро такмил медиҳанд.

Аз назари мазмун таҳлили ташаккули технологӣ чунин тавсифҳоро дар назар дорад:

- иштирокчиёни мушаххас, характери нақшӣ – вазифагӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ;

- нормаҳои амалкунанда ва тарбияи фаъолияти таносуби қувваҳои сиёсӣ;

- навъҳои мушаххаси амал ва аксуламал дар доираҳои омилҳои дохилию хориҷӣ;

- нишондиҳандаҳои фазогӣ (чуқурӣ, паҳноӣ, дарозии ҷои баамалоии ҳодисаҳои сиёсӣ) ва характери муваққатӣ доштани фаъолият;

- хусусияти муҳити атроф, манбаъ ва имконияти шахсони амалкунанда.

Таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо имкон медиҳад, ки муносибати воқеии иҷрокунандагонро аниқ муайян намуда, тавсияномаи мувофиқ тайёр карда шавад.

Имрӯз мо дар давраи сиёсати рақамӣ (digital politics) қарор дорем. Афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, мисли Facebook, X (Twitter), Instagram, TikTok ва дигарҳо шакл мегирад.

Сиёсатмадорон, ҳизбҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз маркетинги сиёсӣ, аналитикаи иттилоотӣ, ботҳо ва алгоритмҳои зеҳни сунъӣ истифода мебаранд, то рафтори интихобкунандагонро пешбинӣ ва идора намоянд.

Нақши ВАО низ тағйир ёфтааст: агар қаблан телевизион манбаи асосӣ буд, имрӯз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи асосии ташаккули афкор гаштаанд.

Масалан, дар маъракаҳои интихоботии кишварҳои пешрафта, монанди ИМА, истифодаи маркетинги рақамӣ ва идоракунии маълумотҳои интихобкунандагон (big data) нақши ҳалкунанда бозид. Маъракаи интихоботии Барак Обама (2008) ва Доналд Трамп (2016) аз ҷумлаи намунаҳои маъруфи истифодаи технологияҳои сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошанд.

Дар Тоҷикистон низ технологияҳои сиёсӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла тавассути пиар, вохӯриҳои мустақим бо мардум, истифодаи ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ татбиқ мегарданд. Ҳадаф — баланд бардоштани огоҳии сиёсӣ, муаррифии барномаҳои давлатӣ ва тақвияти робитаи байни давлат ва ҷомеа мебошад.

Бо вуҷуди нақши мусбати худ, истифодаи технологияи сиёсӣ метавонад паёмадҳои манфӣ низ дошта бошад. Масалан:

- Манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ, паҳн кардани иттилооти бардурӯғ (фейкҳо);
- Фишор ба рақибони сиёсӣ бо усулҳои иттилоотӣ;
- Таблиғи идеологияҳои ифротӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ барои истифодаи технологияҳои сиёсӣ риоя шаванд.

Имрӯз дар сиёсатшиносӣ як соҳаи махсуси тадқиқот — илми технологияҳои сиёсӣ ташаккул ёфтааст. Он усулҳои таҳлил, моделсозӣ ва арзёбии таъсири иттилоотиро меомӯзад.

Тадқиқотҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии ҳар маъракаи сиёсӣ аз сатҳи омодагии иттилоотӣ, таҳлили иҷтимоӣ ва идоракунии иртиботҳо вобаста аст.

Дар донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон ва минтақа фанни “технологияҳои сиёсӣ ва коммуникатсия” ба таври алоҳида тадрис мешавад.

Дар илмҳои сиёсӣ имрӯз се самти нави тадқиқот дар бораи технологияи сиёсӣ рушд доранд:

Технологияи иттилоотӣ ва амнияти киберӣ (Cyber Politics)

– таҳқиқи таъсири интернет, ботҳо ва киберпропаганда ба сиёсат.

Нейропсихологияи сиёсӣ (Political Neuroscience)

– омӯзиши таъсири иттилооти сиёсӣ ба майнаи инсон.

Зеҳни сунъӣ дар идоракунии сиёсат (AI Governance)

– истифодаи моделҳои зеҳнии сунъӣ барои таҳлил ва қабули қарорҳои давлатӣ.

Дар илмҳои муосир технологияи сиёсӣ на танҳо ба маъракаҳои интихоботӣ дахл дорад, балки ҷузъи идоракунии стратегии давлат низ мебошад.

Дар давлатҳои муосир, махсусан дар демократияҳои инкишофёфта, тамоми равандҳои сиёсӣ — аз қабули қарор то муаррифии сиёсати давлатӣ — тавассути технологияҳои коммуникатсионии сиёсӣ сурат мегирад.

Ба ин равандҳо дохил мешаванд:

- таҳияи паёмҳои сиёсӣ (political messaging);
- идоракунии робитаҳои давлатӣ бо ҷомеа (public relations of government);
- стратегияи иттилоотӣ дар сиёсат;
- мониторинги афкори ҷамъиятӣ барои арзёбии таъсири қарорҳо.

Технологияи сиёсӣ дар шароити ҷаҳони рақобатпазир ва иттилоотии асри XXI ба унсури марказии сиёсат табдил ёфтааст. Он имкон медиҳад, ки сиёсат бо усулҳои илмӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ идора карда шавад.

Барои кишварҳое чун Тоҷикистон, рушди илм ва амалияи технологияҳои сиёсӣ метавонад ба таҳкими суботи дохилӣ, баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ ва тавсеаи ҳамкории давлат бо ҷомеа мусоидат кунад.

Истифодаи масъулонаи ин технологияҳо бояд ба арзишҳои миллӣ, қонунмандӣ ва манфиатҳои ҷамъият мутобиқ бошад. Танҳо дар ин сурат онҳо метавонанд ба воситаи воқеии рушди демократия ва устувории сиёсӣ табдил ёбанд.

Дар маҷмӯъ, технологияи сиёсӣ имрӯз яке аз самтҳои калидии сиёсатшиносӣ ва амали сиёсӣ мебошад.

Он:

- ба таври илмӣ ва ҳисобшуда кардани сиёсат мусоидат мекунад;
- воситаи асосии муошırати давлат бо ҷомеа мебошад;
- ва ба рушди демократия, фарҳанги сиёсӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

# Адабиёт


1. А. И. Соловьёв, Политология. Политическая теория, политические технологии. - Москва: Аспект Пресс,- 2009,- 575 с.
2. Никколо Макиавелли, Государь и рассуждения на первые три книги Тита Ливия. - Москва, 2009, -349 с.
3. Политология. Под. ред. проф. М.А.Василика. – М., 1999. – С.231
4. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250

Ташаккури зиёд!